**аз 29.03.2022, № 4777/11.1**

Ба мақомоти ҳудудии андоз ва
андозсупорандагон

## *Оид ба тартиби андозбандии субъектҳои соҳаи сохтмон*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини пешбурди дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ ва риояи муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, ки бино ва иншоотҳоро барон истифодаи худ бунёд менамоянд, тавзеҳоти зеринро ирсол менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 248 Кодекси андоз ҳангоми аз ҷониби субъекти хоҷагидор бо маблағ ва қувваи худ барон истифодаи худӣ бунёд гардидани бино ва иншоот, чунин амалҳо манбаи андоз аз арзиши иловашуда диниста намешаванд.

Агар сохтмони объект аз тарафи фармоишгар дар асоси шартнома бо ҷалби пудратчӣ (зсрпудратчӣ) анҷом дода шавад, дар чунин ҳолат барон фармоишгар манбаи андоз аз арзиши иловашуда ба вуҷуд намеояд ва ухдадориҳои андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби пудратчӣ (зерпудратчӣ) иҷро карда мешавад.

Дар сурати бо усули омехта сохта шудани объект, яъне агар як қисми корҳои сохтмонӣ аз ҷониби фармоишгар ва қисми дигари он бо ҷалби пудратчиён (зерпудратчиён) иҷро гардида бошад, пас дар ин маврид низ нисбат ба фармоишгар ухдадории ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда пайдо нагардида, нисбат ба пудратчиён (зерпудратчиён) танҳо арзиши корҳои бевосита аз ҷониби онҳо иҷрошуда ба манбаи андоз аз арзиши иловашуда дохил карда мешавад.

Ҳангоми аз чониби фармоишгар пурра бо маблағ ва қувваи худ барон истифодаи худї сохтани бино ва иншоот, тибқи муқаррароти моддаи 214 Кодекси андоз арзиши чунин иморату иншоот бо назардошти харҷномаи тасдиқшуда муайян карда шуда, дар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ баҳисоб гирифта мешавад. Ҳама намуд хароҷотҳои воқеӣ, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба арзиши чунин объекта сохтмонӣ дохил мебошанд, то ба анҷом расидан ва ба истифода додани объект, дар ҳисоботҳои муҳосибии фармоишгар ҳамчун Дт ҳисоби 11090 «Сохтмонӣ нотамом» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Чунин хароҷотҳо бояд воқеан анҷом ёфта, бо ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ба расмият даровардa шуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо харҷномаю санади иҷроиши корҳои сохтмонӣ тасдиқ гардида бошанд.

Бо назардошти он, ки тибқи сархати 6 қисми 6 моддаи 266 Кодекси андоз ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонии капиталӣ, баҳисобгирии андоз аз арзиши

иловашуда иҷозат дода намешавад, тибқи муқаррароти қисми 6 моддаи 190 Кодекси андоз маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба арзиши иҷрои корҳои сохтмонӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Пас аз анҷоми сохтмон дар асоси Санади комисияи қабули давлатӣ аз Кт ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом» ба Дт ҳисоби 11010 “Бино ва иншоот” гузаронида шуда, мӯҳлати истифодабарӣ ва меъёри истеҳлоки он муайян карда мешавад. Ҳангоми ба Дт ҳисоби 11010 гузаронидани бинои сохташуда ҳатман Варақаи шакли В А - 1 (0504101) “Санади қабулу супоридани воситаҳои асосӣ” тартиб дода шуда ба он ҳуҷҷатҳои асосии сохтмонӣ замима карда мешаванд.

Агар чунин объектҳои сохтмонӣ барои истифодаи худ сохта, ба истифода дода, аммо минбаъд фурӯхта ва ё бо дигар шакл бегона карда шаванд, амалиёти мазкур тибқи муқаррароти моддаи 248 Кодекси андоз манбаи андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб меравад. Ҳангоми фурӯш (бегона намудан) маблағи андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти моддаи 264 Кодекси андоз бо меъёри стандарта бо ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда мутобиқ ба талаботи моддаи 266 Кодекси андоз дар давраи ҳисоботие, ки ин объектҳо фурӯхта шудаанд, ҳисоб ва ба буҷет пардохт карда мешавад.

Дар ин ҳолат баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба фурӯши (бегонакунии) объекти сохтмонӣ аз ҳисоби андоз аз арзиши иловашудае, ки қаблан ба арзиши аслии ин объекта сохташуда ҳамроҳ кардашуда буд, анҷом дода мешавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда иҷозат дода мешавад, агар муқаррароти қисмҳои 1 ва 3 моддаи 266 Кодекси андоз риоя ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдори муҳосибӣ асоснок гардида бошанд. Агар объекта сохтмонӣ таҳти истеҳлок қарор гирифта шуда бошад, пас баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда бо усули мутаносибӣ баробар ба ҳиссаи арзиши бақиявии ин объекта сохташуда анҷом дода мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати дуруст татбиқ намудани муқаррароти қонунгузорӣ, роҳ надодан ба нофаҳмиҳо ва баҳсҳои беасос миёни андозсупоранда ва мақомоти андоз, муқаррароти мактуби дастурии мазкурро ба диққати субъектҳои хоҷагидор расонанд.

Раис Н. Давлатзода